Машкхои муштараки васеи низомӣ, ки аз 18 то 22-юми апрели соли равон дар машкгохи Маркази таълимии «Магоб»-и минтакаи Ромит ва машкгохи харбии «Лохур»-и нохияи Рӯдакӣ бо истифодаи кувва ва воситахои чузъу томхои разведкавии Куввахои Мусаллахи давлатхои аъзои Созмони Ахдномаи амнияти дастачамъӣ тахти унвони «Чустучӯ-2016» идома дошт, чамбаст ва натичагирӣ карда шуд.

Мархилаи нахустини огози машкхои муштараки низомӣ дар майдони сафороии Маркази таълимии “Магоб”-и минтакаи Ромит бо садо додани сурудхои миллӣ ва бардоштани парчами давлатии давлатхои ширкаткунандаи аъзои СААД ба таври расмӣ шурӯъ гардид.   Дар ифтитохи чорабинии низомӣ вазири мудофиаи Чумхурии Тоҷикистон генерал-лейтенант Шералӣ Мирзо, Котиби генералии СААД Николай Бордюжа ва сардори Ситоди муттахидаи ин созмон генерал-полковник Анатолий Сидоров ба сухан баромада, доир ба хадафу мохияти баргузории машкхо дар самти пешгириву муборизаи дастачамъона бар зидди хар гуна амалхои террорисиву ифротгарой, дастгиру безарар намудани афроди чиноятпеша ва муайян намудану мукобилият нишон додан алайхи хама гуна зухуроти номатлуб ибрози назар карданд.



Машкхои муштараки васеи низомӣ бо чалби кувва ва воситахои чузъу томхои разведкавӣ дар таърихи мавчудияти СААД бори аввал дар худуди Чумхурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар он хайати нерӯхои разведкавии Куввахои Мусаллахи Чумхурихои Белоруссия, Казокистону Киргизистон, Федератсияи Россия ва Чумхурии Точикистон ширкат намуданд.





Хадафи баргузории машкхои муштараки васеи низомӣ ин сайкал додану баланд бардоштани тачрибаи хайати шахсии ширкаткунандагони машкхо дар самти чамъоварӣ ва тахлил намудани маълумоти разведкавӣ оид ба накшахои душмани эхтимолӣ, муайян намудани хадафхои гаразноки афроди чиноятпеша ва санчидани омодагии сохторхои идоравии разведкачиён ва чузъу томхои тобеи он дар ташкили амалиёти муштараки чустучӯӣ, маълумотдихӣ ва дастгиру безараргардонӣ гуруххои мусаллахи террористӣ, бахри хифзи сохти конститутсионӣ ва химояи хама арзишхои кишвархои аъзои СААД-ро дар бар мегирифт.

Машкхои муштарак ба таври назариявию амалӣ чараён гирифта, барои хайати шахсии чузъу томхои дар он ширкаткунанда тамоми шароити зарурӣ мухайё гашта буд. Дар нахуст рӯзи машкхо лавозимоти харбӣ ва дигар силоху мухимоти чангии хозиразамон, ки дар ин чорабинии низомӣ истифода гардиданд, ба намоиш гузошта шуданд. Мувофики накша омодагии чузъу томхо ба мархилаи асосӣ машкхои муштараки низомии зиддитеррористӣ муддати панч рӯз идома ёфта, аз хисоби гуруххои разведкачиёни нерӯхои мусаллахи 5 давлат Ситоди муттахидаи идоракунии чузъу томхо ташкил карда шуд, то ин ки вобаста ба амалӣ намудани тамоми амалиёти дар машкхо пешбинишуда карорхои дахлдор кабул карда шавад.



Чараёни баргузории тамоми амалиёти чузъу томхои ба машкхои муштарак чалбгардида, хам дар Ситоди муттахида ва хангоми тамринхои амалии низомӣ аз тарафи масъулини Раёсати разведкаи Ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон назорат ва пурра идора карда мешуд.  Дар ин замина хайати нерӯхои мусаллахи кишвархои аъзои ин созмон, дар хамохангӣ чӣ аз рӯи харита ва хам бо ташкили рохпаймоӣ, мавзеъхои душворгузари кӯхӣ, талу теппахо ва умуман дигар шароити ин минтакахоро, ки майдони шартии баргузории амалиёти чангро таччасум менамояд, мавриди омӯзиши хамачониба карор дода, бо истифода аз дастгоху лавозимоти муосири техникӣ матлаби дар машкхо пешбинишударо тархрезӣ менамуданд.

Дар самти амалиёти дастгиру безараргардонӣ маълумоти заруриро ба Ситоди муттахидаи идории чузъу томхо мерасонанд.  Хамин тарик мархилахоии якуми машкхои муштараки низомӣ дар машкгохи харбии “Лохур” бо истифодаи авиатсияи чангӣ, техникахои зирехпӯши харбӣ, навъи мухталифи тупхонахо ва дигар лавозимоти мухорибавие, ки ба матлаби баргузории машкхо пешбинӣ шудаанд, ташкилу ба рох монда шуд.  Инчунин тибки матлаби баргузории тамринхои васеи низомӣ дар мавзеъхое, ки эхтимолияти тахдиди хатар вучуд доштанд, дар машкгохи низомии “Лохур” тавассути хавопаймохои харбӣ, чархболхои чангиву наклиётӣ, тарики чахидан ва аз парашутхо десанти фазои тактикӣ ва дигар чузъу томхои таъиноти махсуси разведкавӣ фуруд оварда шуданд.  Мархилаи дуюми машкхо, ки даври нихоии он махсуб меёфт субхи 22-юми апрел дар машгохи Маркази таълимии «Магоб»-и минтакаи Ромит чараён гирифт. Барои назорат аз болои машкхо вазири мудофиаи Чумхурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо, сардори Ситоди муттахидаи СААД генерал-полковник Анатолий Сидоров, хайати разведкавии Куввахои Мусаллахи давлатхои аъзои ин Созмон, масъулини сохторхои кудратии мамлакат, намояндагони ВАО-и дохилу хорич ва дигар шахсони расмӣ ба машкгох омаданд.




Дар амалиёти муштарак чузъу томхои таъиншуда, унсурхои мухталифи зиддитеррористиро тархрезӣ карда, бо зарбаи мушакхои авиатсияи чангӣ, оташи шадиди тупхонахо ва техникахои зирехпӯши харбӣ пойгохи шартии террористонро нобуд сохта, афроди гайриконуни мусаллахро гӯё дастгиру безарар мегардониданд.      Дар мархилаи нихоии машкхои муштараки харбӣ, хам дар машкгохи “Лохур” ва хам дар дарахои хушманзари Маркази таълимии Магоб беш аз 1500 нафар хизматчиёни низомии чузъу томхои разведкавии Куввахои Мусаллахи давлатхои аъзои СААД ширкат намуда, бахри интикол ва сафарбарии чузъу томхо дар самти доир намудани амалиёти чангӣ, чархболхои харбиву наклиётии МИ-8 ва МИ-24, хавопаймохои низомии АН-30, СУ-24, С-295, ИЛ-76, ТУ-154, авиатсияи таквиятдодашудаи разведкавӣ, дастгоххои парвозкунандаи бесарнишини Орлан-10, артиллерияхои худгард, навъи мухталифи туп, техникахои зирехпӯши харбӣ, чузъу томхои пиёданизоми мусаллах бо силоху мухимоти оташфишони чангӣ, тачхизотхои хозиразамони радиоэллектронӣ ва дигар дастгоху лавозимоте, ки хангоми муковимати мусаллахона дар шароити кӯхистони мамлакат мусоиданду барои доир кардани амалиёт мутобикат мекунанд, истифода шуданд.







